**ПРОТОКОЛИ № 7**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-050
назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

аз «04» июли соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ- 16 нафар,
аз ҷумла 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

***Иштирок доштанд*** *д.и.т., дотсент Ғафорзода А.А. - раиси шуро; д.и.т., профессор Ибрагимов Х.И. - муовини раиси шуро; н.и.т., дотсент Олимбойзода П.А. - котиби илмии шуро; д.и.т., дотсент Амонзода И.Т.; д.и.т., профессор Ишматов А.Б.; д.и.х., профессор Муҳиддин З.Қ.; д.и.т., дотсент Яминзода З.А.; д.и.т., профессор Буходуров Ш.; д.и.б., профессор Муҳиддин А.Қ.; д.и.т., дотсент Мирзораҳимов Қ.К., д.и.т. Икромӣ Х.И.; н.и.т., дотсент Ҷалилзода Ф.Р.; н.и.т., дотсент Набиев А.Г.; н.и.х., дотсент Шарифзода М.Б.; н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х.; н.и.т. Назаров Ш.А.*

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон санаи 4 июли соли 2026, соати 9:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, воқеъ дар суроғаи: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3 баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои техникӣ, дотсент Ғафорзода А.А.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои техникӣ, дотсент Олимбойзода П.А.

**Раиси шуро** мухтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ва ҳозиринро хайрамақдам гуфта, иттилоъ дод, ки ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи талаботи муқарраргардида ҳузур дошта, ҷаласа салоҳияти баррасии масъалаи рӯзномаро дорад.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 16 нафар аъзои шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Раиси ҷаласа пешниҳод намуд, ки кори шуро оғоз карда шавад. Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва

коркарди абрешим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 — Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ишматов Аскар Бозорович — доктори илмҳои техникӣ, профессор, профессори кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Тема диссертации и научный руководитель утверждены на заседании Учёного совета Технологического университета Таджикистана от 31 октября 2024 года, протокол № 3.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мухиддин Зайниддин Қамар -** доктори илмҳои химия, профессор, мудири озмоишгоҳи пайвастаҳои фаромолекулӣ ва фаъоли биологии Институти химия ба номи В.М. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Иззатов Миралӣ Валиевич -** номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технология ва таҷҳизоти саноати нассоҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Муассисаи пешбар:**

Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. **Раиси шуро:** д.и.т., дотсент Ғафорзода А.А. рӯзномаи ҷаласаро эълон намуда, оид ба салоҳиятнокии ҷаласаи шурои диссертатсионӣ маълумот дод ва суханро ба котиби илмӣ пешниҳод намуд.

2. Котиби илмии шуро Олимбойзода П.А. маълумот дод, ки диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» бо қарори шурои диссертатсионӣ аз «24» апрели соли 2026, протоколи №4 ба ҳимоя қабул гардидааст. Ҳуҷҷатҳои довталаб тибқи талаботи муқарраргардида пешниҳод шудаанд.

3. Довталаби дараҷаи илмӣ Рамазонзода Наргис Рамазон бо маърӯза баромад намуда, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳои асосӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо баён намуд.

Дар маърӯза қайд гардид, ки диссертатсия ба масъалаи муҳимми мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ бахшида шуда, дар он равандҳои парвариши кирмак, истеҳсоли пилла, коркарди аввалия, истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ, инчунин самаранокии технологию иқтисодии пешниҳодҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз рӯйи диссертатсияи пешниҳодгардида аъзои шурои диссертатсионӣ саволҳои мушаххас доданд: д.и.т. Икромӣ Х.И.; д.и.т., дотсент Яминзода З.А.; д.и.т., профессор Иброгимов Х.И.; д.и.т., дотсент Амонзода И.Т.; н.и.т., дотсент Набиев А.Ғ.

Довталаб ба саволҳои аъзои шурои диссертатсионӣ ва мутахассисон ҷавобҳои мушаххас ва асоснок дод.

Сипас баромади роҳбари илмӣ Ишматов А.Б. шунида шуд. Роҳбари илмӣ қайд намуд, ки Рамазонзода Наргис Рамазон дар давраи иҷрои таҳқиқот қобилияти мустақилонаи илмӣ нишон дода, таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронидааст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, натиҷаҳои он барои рушди соҳаи кирмакпарварӣ, коркарди пилла ва истеҳсоли маҳсулоти абрешимӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Баъдан тақризҳои муқарризони расмӣ шунида шуданд.

Муқарризи расмӣ Муҳиддин З.Қ. ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқот мубрам буда, натиҷаҳои бадастомада барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ аҳамияти муҳим доранд. Дар баробари ин, муқарриз пешниҳод намуд, ки таҳлили химиявии таркиби сафедаҳои пилла — серитсин ва фиброин, инчунин имкониятҳои истифодаи саноатии маҳсулоти иловагӣ дар корҳои минбаъда васеътар баррасӣ карда шаванд.

Муқарризи расмӣ Иззатов М.В. низ ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд намуд, ки дар кор равандҳои технологияи истеҳсол ва коркарди пилла, истифодаи партовҳо ва истеҳсоли матоъҳои абрагӣ таҳлил шудаанд. Ҳамзамон пешниҳод гардид, ки тавсифи техникии таҷҳизоти бофандагӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои сифатии матоъҳо бо талаботи стандартҳо ва таҳлили иқтисодии муҳлати бозгашти сармоягузорӣ дар корҳои минбаъда муфассалтар нишон дода шавад.

Тақризи муассисаи пешбар - Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон шунида шуд. Муассисаи пешбар ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд намуд, ки таҳқиқот барои такмили истеҳсол ва коркарди пилла, баланд бардоштани сифати ашёи хом ва истифодаи самараноки маҳсулоти иловагӣ аҳамияти амалӣ дорад. Пешниҳодҳои муассисаи пешбар асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ба такмили минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқ равона шудаанд.

Котиби илмӣ инчунин маълумот дод, ки ба автореферати диссертатсия тақризҳои мусбат аз ҷониби Владимирсева Е.Л., Набиева И.А., Насимова М. ва Салимҷонов С. ворид гардидаанд. Дар тақризҳо дар баробари баҳои мусбат, пешниҳодҳо оид ба мушаххастар нишон додани методикаи муайянкунии намнокии пилла, муқоисаи нишондиҳандаҳои сифатӣ то ва баъд аз татбиқи тавсияҳо, таҳлили иқтисодӣ ва ислоҳи баъзе камбудиҳои услубӣ баён шудаанд.

Довталаб ба эродҳо ва пешниҳодҳои муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва тақриздиҳандагони автореферат ҷавоб дода, қайд намуд, ки эродҳо асосан хусусияти тавсиявӣ доранд ва дар корҳои минбаъда ба назар гирифта мешаванд.

**Баромади мутахассисон оид ба мавзуи диссертатсияи баррасишаванда:**

1. д.т.н., доцент Амонзода И.Т.,
2. д.т.н., профессор Иброгимов Х.И.
3. д.т.н., доцент Яминзода З.А.,
4. н.и.т., дотсент Джалилзода Ф.Р.

Баромадкунандагон аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо баланд арзёбӣ намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон ба масъалаи мубрами мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ бахшида шудааст.

Таъкид гардид, ки дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои беҳтар намудани раванди парвариши кирмак, баланд бардоштани сифати пилла, такмили коркарди аввалияи ашёи хоми абрешимӣ, истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ, инчунин арзёбии самаранокии технологӣ ва иқтисодии пешниҳодҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аъзои шурои диссертатсионӣ махсусан қайд намуданд, ки дар диссертатсия муносибати комплексӣ ба занҷири истеҳсол ва коркарди абрешим пешниҳод гардида, таъсири омилҳои агробиологӣ, технологӣ ва иқтисодӣ ба сифати пилла ва самаранокии истеҳсол асоснок карда шудааст. Инчунин нишон дода шуд, ки истифодаи оқилонаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ метавонад ба кам шудани талафоти ашёи хом ва баланд гардидани арзиши иловашудаи маҳсулот мусоидат намояд.

Дар баромадҳо чунин ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот таъкид гардиданд: интихоби мавзуи мубрам барои рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва саноати нассоҷӣ, таҳлили пайдарпайи равандҳои истеҳсол ва коркарди пилла, асоснок намудани тавсияҳои технологӣ, истифодаи маълумоти истеҳсолӣ ва таҷрибавӣ, инчунин пешниҳод намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсол.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки натиҷаҳои илмии бадастомада бо таҳқиқоти таҷрибавӣ ва таҳлили истеҳсолӣ асоснок гардида, дар корҳои илмии муаллиф нашр шудаанд, дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ муҳокима гардидаанд ва метавонанд дар хоҷагиҳои пиллапарварӣ, корхонаҳои коркарди аввалияи пилла ва истеҳсолоти маҳсулоти абрешимӣ истифода шаванд.

Ба андешаи аъзои шурои диссертатсионӣ, диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» ба шиносномаи ихтисоси 6D073302

— Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом мувофиқат намуда, кори илмии мустақил, анҷомёфта ва дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ мебошад.

**Баромади раиси комиссияи ҳисоб:**

Раиси комиссияи ҳисоб д.и.т., дотсент Яминзода З.А. натиҷаҳои овоздиҳии пинҳониро оид ба масъалаи сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 — Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом эълон намуд.

Натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии аъзои шуро чунин мебошанд: «тарафдор» - 15 нафар, «муқобил» - нест, бюллетени беэътибор - 1 нафар.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб, хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ қабул карда шуд.

## ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА - 050 назди
## Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

аз "04" июли соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии **Рамазонзода Наргис Рамазон** дар мавзӯи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073300 - Технология ва лоиҳакашии маҳсулоти нассоҷӣ (6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маводи нассоҷӣ ва ашёи хом), тақризи муассисаи пешбар - Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ - доктори илмҳои кимиё, профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳиддин Зайниддин Қамар,– номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технология ва таҷҳизоти саноати нассоҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Изатов Миралӣ Валиевич ва дигар аъзоёни шурои диссертатсиониро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Рамазонзода Наргис Рамазон

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон дар мавзӯи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим» барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маводи нассоҷӣ ва ашёи хом ба талаботи талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Рамазонзода Наргис Рамазон дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073300 - Технология ва лоиҳакашии маҳсулоти нассоҷӣ (6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маводи нассоҷӣ ва ашёи хом) дода шавад;

4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос ба Рамазонзода Наргис Рамазон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 15 нафар. Муқобил –нест. Бетараф 1 нафар.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ, дотсент — Ғафорзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент — Олимбойзода П.А.

6.07.2026